Следует отметить, что данная функциональная модель является примерным вариантом разработки подобного рода моделей (для малого парка, сада, сквера, бульвара, садов перед общественными, административными и производственными зданиями) и в дальнейшем будет видоизменятся и совершенствоватся. Модель может исползована, как в единичном, так и в комплексном решении по благоустройству в различны х экологических условиях городского назначения (Рис. 2).

Функциональная модель объекта садово-парковой архитектуры может явиться для проектировщика садово-парковой архитектуры своеобразным путеводителем в разработке проекта.

**В заключение** диссертации подводятся итоги выполненной научно-исследовательской работы по избранной теме и сформулированы современные

тенденции развития садово-паркового строительства, определены новые ориентиры для его совершенствования.




**Рисунок 2. Функциональные модели малого сада в стиле “Чорбог”. Общие виды. А. Простой тип малого сада “Чорбог”. Б. Малый сад с водным партером. В. Малый сад Гулистон (розарий).**

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

### *ОСНОВНЫЕ НАУЧНЫЕ РЕЗУЛЬТАТЫ ИССЛЕДОВАНИЯ*

1. Природно-климатические условия на территории Таджикистана (жаркий сухой климат, горно-предгорный рельеф на большей части территории, водных и лесных ресурсов, высокая сейсмическая активность и т.п.) явились объективным фактором формирования здесь местных садово-парковых традиций [1-А].

2. Несмотря на то, что садово-парковая архитектура в Средней Азии относится к древнейшему виду человеческой деятельности, оно в этой местности начало формироваться в IX-X вв. (рукопись Мухаммада Наршахи, «История Бухары»), получив развитие в XIV-XVII вв., с появлением первых трактатов об устройстве садов и парков[3-А,7-А,14-А].

3. К эпохе Темуридов был сформирован определенный канон по созданию садов типа «Чорбог», распространенный впоследствии во всех городах Мавераннахра и Хорасана в XIV веке появляются трактаты об устройстве садов и парков, главным из которых является «Иршад-уз зироат илм-ил-хиросат» с особой главою «Об устройстве сада Чорбог, про рассад деревьев, душистых трав, цветов, и конечно же о последовательности его ухаживания и возведения»[1-А, 3-А,7-А].

4. Присоединения Таджикистана к России имел положительный фактор. В исторических городах частично строятся русские кварталы. Формируется система паркостроения, создаются бульвары, скверы, сады, т. е. ландшафтная архитектура. Европейской градостроительной планировке стали соответствовать домостроения и планировочная схема улиц [5-А].

5. Искусство паркостроения в советском Таджикистане начало свое развитие в середине 30-х гг. прошлого столетия. История развития распределена на три периода: период зарождения, середина 30-х - середина 50-х гг.; период становления, конец 50-х и все 60-е гг.; период развития, охватывает 70 -х гг. - начало 90-х гг.; [4-А,12-А, 19-А].

6. Выявляются несколько основных принципов экологии в системе формирования садов и парков:

- сохранения биологического разнообразия, бережный подход людей к окружающему миру;
-предупреждение и исключение отрицательного воздействия на экологическую систему;
- использование видов растений или животных, которые встречаются на очень ограниченной территории видов растений и животных;
- универсальность, интеграция;
- использование натуральных материалов;
- бережное использование энергии;
- сокращение трудовых затрат по уходу за посадками;
- уничтожение и переработка отходов [2-А,8-А].

7. Просматривая общие тенденции нынешних типов паркового искусства в Таджикистане, подчеркнуть ряд важнейших аспектов развитий:

- экология садово-паркового строительства;
- постройки мини-парковых зон в больших комплексах;
-инженерно-строительные коммуникации в природно-городской среды обитания человека;
- планировка и разработка систем озеленения особой местности;
-максимум сохранят и освобождать природный ландшафт от зон застроек;
- природными компонентами создавать искусственный ландшафт;
-активный поиск создания архитектурно-художественного облика садов и парков, где возрастает потребность в разнообразии стилей, комбинация и использование разно-континентальных методов;
- применения новых традиционных свойств строительных материалов: гач, металл, бетон, гипс, цветные стекла и прочее;
- в искусстве паркостроения использовать традиционные навыки разных континентов прошлого поколения;
- стремление к созданию арт-ландшафтов [13-А, 18-А, 19-А].

8. Малые сады своим образом имеют сходство с благоустроенными городскими зонами, как сквер, бульвар, главный вход парковых зон, сады внутренних частных дворов, дворовых межквартальных зон, сады земного характера, при гостиницах или

внутри её, застроенных в первой половине настоящего века (XXIв.) в столицы Таджикстана [15-А].

9. Документация парка создаётся на основе следующих пунктов: (документация градостроительного назначения, проект детальной планировки). В паспорте находится дополняющее данные о названиях, место расположении, площадь и граница парка, а также зоны функционального значения. [18-А].

10. В создание или разработке проекта, функциональная модель объекта садово-парковой архитектуры, становится вспомогательным элементом для архитекторов и проектировщиков. Функциональная модель помогает двигаться определённо к цели. Из несколько подходящих вариантов помогает выбрать оптимально-экономичный, который реализует главные функции объекта. На основе существующего экологического фундамента модели создаются на художественно-эстетическом уровне. Функциональная модель в последующем может видоизменятся и усовершенствоваться. Функциональная модель показывается в виде ручной или компьютерной графики, где отображается его структура, построения и состав, взаимосвязь главных и дополняющих функций данного объекта [4-А].

## *РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПРАКТИЧЕСКОМУ ИСПОЛЬЗОВАНИЮ РЕЗУЛЬТАТОВ*

1. На основе изучения зарубежного опыта для садового искусства Душанбе рекомендуется развитие ландшафтной творческой мысли по направлению арт-ландшафтов, «садов-артефактов» Е.В. Забелина, «садов-экспозиций», «садов-инсталляций», развитие теории «аттракциона» в ландшафтном дизайне, т.е. «сочетание несочетаемого», «эффект отражения», «расчет на удивление», сады «оживших сказок», «чудес природы».

2. Для оптимального зелененого насаждения городов Таджикистана, в первую очередь, его столицы – Душанбе нужно:

- сохранять природную фауну в ущельях Варзоба и Ромита, также в этих зонах развивать лесопарки;
- для защиты городов Таджикистана, в частности города Душанбе от влияний пыльных бурь, сильных ветров и суховеев особенно в жаркий период, создать зелено-защитный пояс;
- в городе Душанбе создать и развить строительство питомников для древесно-кустарниковых растений, оранжереи для многолетних и однолетних разно красочных цветочных ассортиментов. Выращиваемый в государственном учреждении «Зеленстрой» посадочный материал, является недостаточным.

3. Все парки и общественные сады должны быть обеспечены паспортами. В паспорте находится дополняющее данные о названиях, место расположении, площадь и граница парка, а также зоны функционального значения.

4. Во время создания и разработки функциональных моделей ландшафтно- архитектурных объектов необходимо учитывать:

- четкое разделения объектов различного назначения, функциональные значения и внешнее влияние объекта;
- определения главных и дополняющих функций в объектах;
- в функциональном модели объекта ландшафтной архитектуры выделить главные факторы для их дальнейшего существования;
- для выявления характерных особенностей ландшафтного объекта, создать систему факторов, с помощью которых выделяется объект;

- определение оптимальных параметров, которые повлияют на выполнения основных и дополняющих функций объектов ландшафтного строительства.

5. Полученные научно-практические результаты в диссертации позволят при их реализации создавать ландшафтные объекты с высоким необходимым комфортом, эстетичностью архитектурно-художественного и национального облика, соответствовавшие наивысшему уровню экологической эффективности в архитектурно-пространственном решение городской среды г. Душанбе. Другим практическим преимуществом является подбор и совмещение традиционного ассортимента древесно-кустарниковых и цветочных насаждений к разработанным моделям садово-парковой архитектуры, учитывавшие местное природо климатические условия. Практические результаты диссертационной работы приняты к внедрению ОАО «НИПИИ САНИИОСП», ГУП НИПИ «Душанбешахрсоз», также внедрены в учебный процесс Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими.

**Основные результаты работы опубликованы в следующих изданиях:**
***статьи в изданиях, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан.***

[1-А] **Мухиддинова Р.К.** Природно-климатические условия, определяющие архитектурно-ландшафтную организацию городов Таджикистана [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. -2019. - № 4 (48). – С. 147-152.

[2-А] **Мухиддинова Р.К.** Ландшафтно-экологический подход в градостроительстве, как фактор улучшения окружающей среды [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. – 2020. - № 2 (50). – С. 164-168.

[3-А] **Мухиддинова Р.К.** Садово-парковое искусство, как объект историко-культурного наследия [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. – 2020. - № 3 (51). – С. 129-133.

[4-А] **Мухиддинова Р.К.** Архитектурно-планировочные и социально–исторические особенности Душанбе [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско национального университета. Серия инженерных исследований. - 2020. - № 10. – С. 38-42.

[5-А] **Мухиддинова Р.К.** История развития благоустройства Средней Азии во второй половине XIX - начала XX-го века. [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Инженерный Вестник Дона. - 2022. - №5 ivdon.ru/ru/magazine/archive/n5y2022/7659.

[6-А] **Мухиддинова Р.К.** История формирования садово-парковой архитектуры средневековых городов Средней Азии [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Педагогического университета. Душанбе – 2022. - № 6-2 (101). – С. 310-314.

[7-А] **Мухиддинова Р.К.** Архитектурно-строительная культура и типы зданий Мавераннахра в эпоху Тахиридов [Текст] / Р.С. Мукимов, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско национального университета. Серия инженерных исследований. - 2023. - № 1. – С. 68-77.

***Статьи в материалах конференции:***

[8-А] **Мухиддинова Р.К.** Условия развития ландшафтной архитектуры Таджикистана [Текст] / Ш.К. Шарипов, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 218-220.

[9-А] **Мухиддинова Р.К**. Традиции садово-парковой архитектуры. [Текст] / П.М. Хоҷаева, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 170-172.

[10-А] **Мухиддинова Р.К**. Колонны в интерьере мечетей и жилых помещений [Текст] / Дж. С. Самадов, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 155-158.

[11-А] **Мухиддинова Р.К**. Стилистические исследования в изобразительном искусстве [Текст] / М. У. Шерматов, Р.К. Мухиддинова // Сборник трудов республиканской научно-практической конференции «Социально-экономические и организационно-технические основы строительного комплекса в развитии Республики Таджикистан» посвящённый году «Развития села, туризма и народных ремесел», Душанбе 7 декабря 2019г.– С. 277-281.

[12-А] **Мухиддинова Р.К.** Принципы ландшафтно-экологического формообразования в городской среде [Текст] / Дж. Ш. Ганизода, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Полиграфия: состояние и перспективы её развития» Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Душанбе 13 марта 2020г.– С.248-251.

[13-А] **Мухиддинова Р.К.** Исторические сады как объекты историко-культурного наследия [Текст] / М. Каримов, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Наука – основа инновационного развития» Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими, Душанбе 28-29 апреля 2020г. – С.117-119.

[14-А] **Мухиддинова Р.К.** Характер оптимального озеленения пространств города [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Наука – основа инновационного развития». Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими, Душанбе 28-29 апреля 2020г. – С.148-150.

[15-А] **Мухиддинова Р.К.** Основы организации системы озеленения города Душанбе [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Применение информационно-телекоммуникационных технологий в создании электронного правительства и индустриализации страны». Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Душанбе 7 мая 2020г. – С. 340-342.

[16-А] **Мухиддинова Р.К**. Садово-парковая организация Таджикистана XX вв. [Текст] / М. Султонова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С.197-200.

[17-А] **Мухиддинова Р.К**. Географические и социально- экономические условия развития ландшафтной архитектуры на территории Таджикистана [Текст] / М. Султонова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С.201-203.

[18-А] **Мухиддинова Р.К**. Архитектурно-строительные и инженерные традиции [Текст] / К. Маматкулов, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С. 203-205.

[19-А] **Мухиддинова Р.К**. Развитие садово-парковой архитектуры в Таджикистане[Текст] / М.Х. Суярова, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научной-практической конференции «Архитектура и градостроительство Таджикистана: вчера, сегодня, завтра», Душанбе 23 ноября 2022г.– С.93-95

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

УДК 338.94 (575.71)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*



**МУҲИДДИНОВА Рухшона Қутфиевна**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САНЪАТИ БОҒУ- БОҒСОЗӢ ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XXI
**(дар мисоли шаҳри Душанбе)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси
**05.23.20** – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим
ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ.

Душанбе -2024с.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Муқимова Сайёра Рустамовна,** доктори меъморӣ, и. в. профессор. Мудири кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Салимов Арифджан Муслимович,** доктори меъморӣ, профессори кафедраи «Таъмири ёдгориҳои меъморӣ»-и Донишгоҳи меъмориву сохтмонии шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Узбекистон. |
| | **Кайдалова Елена Валентиновна,** номзади меъморӣ, дотсент, декани факултети «Меъморӣ ва дизайн» - и Донишгоҳи давлатии меъмориву сохтмонии шаҳри Нижний Новгороди Федератсияи Руссия. |
| **Муассисаи пешбар:** | Корхонаи воҳиди Давлатии “Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии сохтмон ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

Ҳимояи диссертатсия санаи «11» июни соли 2024 соати $14^{00}$ дар ҷаласаи якдафъинаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, бо суроғаи: 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо $10^{А}$ баргузор мегардад. E-mail: dis.sia@mail.ru

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи www.ttu.tj Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «__» ___________с. 2024 ирсол шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Рахмонзода А.Ҷ.

## ТАФСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрамияти мавзӯъ.** Рушди санъати боғсозии муосир ҳамчун як ҷузъи шаҳрсозӣ дар тамоми шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар шаҳри Душанбе ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам маърифатӣ ҳар чӣ бештар таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон, меъморон, тарроҳони ландшафт, шаҳрсозон ва мутахассисони соҳаи кабудизоркуниро ба худ ҷалб мекунад.

Аммо ин ҷо бояд қайд кард, ки масоили рушди шакл ва услуби сохтори меъмори-фазоии ансамбли боғи шаҳрӣ бо дар назардошти услуби анъанавӣ, нигоришоти миллӣ ва методи принсипҳои композитсионӣ дар ш.Душанбе, ва умуман, дар шаҳрҳои дигари ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ҳамчунин, таҷрибаи боғсозии асримиёнагии шаҳрҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, хусусиятҳои ташаккул, ободонӣ ва кабудизоркунии шаҳрҳо дар ду асри охир, ба таври мушаххас таҳқиқ нашудааст. Маҳз мавҷуд набудани ин гуна тадқиқот дар соҳаи мазкур сабаби асосии интихоб гардидани мавзуи таҳқиқоти мо гардид.

Дар айни замон омухтан, ҳифз намудан, боғсозӣ ва тараққӣ додани ғояҳои меъмории объектҳои мавҷудаи сохтмони боғсозӣ масоили бениҳоят муҳиманд, ки назди меъморон, реставраторҳо (барқароркунандагон), шаҳрсозон ва муҳандисони ландшафтсоз вогузор шудаанд.

**Дараҷаи таҳлили илмии мавзуъ:** Дар раванди ташаккулёбии санъати боғсозӣ аз солҳои 30-юми асри XX то замони муосир, оид ба шаклдиҳӣ ва инкишофи минтақаҳои поркӣ (парк) дар шаҳри Душанбе мутассил кор бурда мешавад. Мутассифона, масъалаҳои муосири инкишофи шаклу усулҳои меъмории фазоӣ дар боғсозии шаҳрӣ бо назардошти принсипҳои композитсионӣ алҳол ба таври бояду шояд диққати меъморони тадқиқотчӣ, тарҳрезон ва мутахассисони соҳаи кабудизоркуниро ҷалб накардаанд. Дар баробари ин омӯзиш, нигоҳдорӣ, барқарорсозӣ ва ташакулли масоили фазоии объектҳои мавҷудаи санъати боғсозии Тоҷикистон дар айни замон яке аз масъалаҳои мубрами меъморӣ барои барқароркунандагон, шаҳрсозон ва муҳандисони сохтмони манзаравӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи меъмории боғсозии асримиёнагии шаҳру деҳоти Осиёи Марказӣ гуфта, мо пеш аз ҳама ба сарчашмаҳои хаттии муаррихону сайёҳон, ҷуғрофидонон ва дигар муҳаққиқони асрҳои миёна ва баъдӣ такя месозем.

Сарчашмаи дигари бузург оиди таҷрибаҳои пешин дар ташкилу фароҳамоварии боғу гулгаштҳои шаҳрҳои асримиёнагӣ нашрияҳои олимони советӣ ва баъдан давлатҳои соҳибихтиёри Осиёи Миёна ва Қазокистон, ба мисли Бартольд В.В., Беленитский А.М., Бентович И.Б., Большаков О.Г.,Раҳматуллоева мебошанд.

Дар бобати кабудизоркунӣ ва таъмини обу ободонӣ дар таърихи меъмории Осиёи Миёна метавон таҳқиқотҳои олимон Зелеская Л.С., Лавров В.А.,Воронина В.Л.-ро номбар намуд. Дар бобати ободонии шаҳрҳои Осиёи Миёна,кучаву майдонҳои шаҳрӣ, анъанаҳои меъмории боғсозӣ ва д. дар корҳои илмии академики АУ Ҷумҳурии Узбекистон, доктори илми санъатшиносӣ Пугаченкова Г.А. маводҳои ҷолиби археологӣ ҷой дода шудаанд.

Олими ӯзбек Нозилов Д.А. оиди анъанаҳои ташкили меъмории боғсозӣ дар шароити релефи мураккаб монографияи пурмазмунеро ба нашр расонидааст. Дар мавзуи истифодаи шаклҳои хурди меъморӣ дар сохтори шаҳрҳои Осиёи Миёна меъмор Шатская Т.В. таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намудааст, ки муҳтавои зиёдро дар бар гирифтааст. Ҳамчунин дар мақолаҳои илмии докторҳои PhD илми меъморӣ Содиқова С., Абдуллоева Ш. ва Ибадуллаева И. оид ба тарҳрезии ансамблҳои боғу гулгаштҳо таҷрибаҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Ба масъалаҳои муосири ташаккули меъмории мнзаравӣ ва ободонӣ дар шароити иқлими гарм бо омузиши микроиқлимҳо,агротехника ва дендрология монографияҳои Римша А.Н.,Фирсанов В.М.,Эсенов А.Э.,Аронин Д., Саини Б., Вергунов А.П., Горохов В.А., Микулина Е.М.,Лихачев Д.С., Нееф Э., Нефедов В.А. ва д. бахшида шудаанд.

Дар Тоҷикистон дар соҳаи таърихӣ-меъморӣ, оиди ташаккули манзаравии минтақаҳои шаҳрӣ дар Тоҷикистон, аввалин шуда меъмори амалкунанда Исмаилов М. таҳқиқот гузаронидааст. Аммо дар таҳқиқоти ӯ бештар ба масъалаи табаддулоти манзаравӣ дар самти тарҳрезии амудии (вертикалӣ) минтақаҳои шаҳрӣ диққат дода шуда, дар бобати ташаккули маъмории боғсозӣ кам сухан меравад.

Ҳамин тавр, бо назардошти далелҳои боло, метавон дилпурона хулоса намуд, ки мавзуи ташаккули меъмории боғсозӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти алоҳида гузаронида нашудааст. Ва таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин тадқиқотест дар самти муайян намудани муҳимтарин хусусиятҳои санъати боғсозӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахусус пойтахти он –Душанбе, ташаккул ва инкишофи санъати меъмории боғсозӣ дар давраи нимаи дуюми асри XIX –аввали асри XXI мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия:** тадқиқоти диссертатсионӣ дар мувофиқа бо кори илмӣ-тадқиқотии буҷавӣ-давлатии кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ таҳти унвони “Назария, таърих ва санъати монументалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: анъанаҳо ва мушкилоти муосир” дар солҳои 2017-2021 боби 11: “Санъати меъмории боғсозии Тоҷикистон дар асрҳои XIX – XXI: анъана ва замони муосир”анҷом дода шудааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мураттаб сохтани асосҳои назариявӣ- амалии рушди меъмории боғсозӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири иҷтимоӣ, беҳтар намудани муҳити зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқоти мазкур **вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:**

- аз худ намудани мероси санъати боғсозӣ бо мақсади рушди анъанаҳои таърихӣ дар шароити экологии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Душанбе;
- муайян намудани услуби миллии санъати боғсозӣ бо мақсади бахшидани тобишу асолати маҳаллӣ ба боғу гулгаштҳо;
- таҳлили марҳилаҳои инкишофи меъмории боғсозии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 ва арзёбии интиқодии он бо мақсади дарёфти анъанаҳои нисбатан пешрафта дар таҷрибаи боғсозии муосир;
- омӯзиши хусусиятҳои тадқиқоти муосири табиати маҳал ва шаклҳои инкишофи объектҳои санъати меъмории боғҳои шаҳрҳои Тоҷикистон;
- тавсияҳо оиди мураттабсозии шиносномаи объекти меъморӣ-манзаравии ш.Душанбе;
- коркарди моделҳои функсионалии объектҳои санъати боғсозӣ барои истифода дар ҳудуди шаҳри Душанбе.

**Объекти таҳқиқот** - боғҳо, хиёбонҳо, гулгаштҳои шаҳри Душанбе.

**Предмети таҳқиқот** ташаккули меъмориву манзаравии санъати боғсозӣ дар шароити шаҳри Душанбе, бо назардошти анъанаҳои маҳаллӣ дар шароити табиию иқлимии Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- ба тарзи нав шарҳ додани усулҳои меъморию бадеӣ ва эҷодиёти халқии нимаи дуюми асри XIX — ибтидои асри XX, дар сохтмони шаҳрҳои таърихии Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Душанбе;

- дар асоси муайян намудани анъанаҳои таърихии санъати боғдории асримиёнагӣ, роҳҳои имконпазири ҷустуҷӯи услуби миллӣ,бо мақсади ба боғҳои муосир додани аслият ва тобиши маҳаллӣ;

- дар мисоли шаҳри Душанбе муайян кардани марҳилабандии давраҳои тараққиёти меъморию фазоии санъати боғдории Тоҷикистони Советӣ;

- баррасии санъати боғдории Тоҷикистон дар ҷанбаи нави рушди таърихии объектҳои таҳқиқот;

- тавсияҳо оид ба таҳияи шиносномаи объекти меъморию манзаравӣ дар шаҳри Душанбе;

- коркарди моделҳои функсионалии объектҳои санъати боғсозӣ барои истифода дар ҳудуди шаҳри Душанбе. Ҳамчунин оид ба тарҳрезии ташкили функсионалӣ - лоиҳавии объектҳои боғсозӣ тавсияву ангораҳо пешниҳод шудаанд.

**Маркази таваҷҷуҳи аҳамияти назариявӣ ва амалии кори илмӣ равона гардидааст ба:**

- такмили ҷараёни ташаккули меъмории боғсозӣ, ки яке аз мубрамтарин вазифаҳои меъмории манзаравӣ маҳсуб меёбад.

- аҳамияти амалии кори мазкур дар офаридани боғу гулгаштҳои дорои ҳаловати олӣ, зарофат ва ҳусн, бадеият ва симои миллӣ зоҳир мегардад.

**Муқарраротҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда:**

- натиҷаи таҳлили шароитҳои ташаккул ва инкишофи таърихиву минтақавии объектҳои санъати боғсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- натиҷаҳои ташаккули санъати меъмории боғсозӣ дар Тоҷикистони Советӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе;

- принсипҳои рушди меъмории объектҳои санъати боғсозӣ дар давраи ибтидоии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- модели ташаккули меъморию фазоии боғу гулгаштҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур.** Муътамадии натиҷаҳои ба дастовардашуда тавассути изҳорот ва ҳалли дурусти масоил, дастрасӣ ба доираи васеи манбаъҳои бадеии асримиёнагӣ, омӯзишҳои саҳроӣ дар ин соҳа, муқоисаи таҳлилҳои маводҳои хориҷии роҷеъ ба тарҳрезии замонавии манзаравӣ собит мегардад.

**Диссертатсия ба шиносномаи тахассуси илмии** 05.23.20 – Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ мувофиқат менамояд. Формулаи тахассус-асосҳои илмии назария ва таърихи меъморӣ. Соҳаи таҳқиқот-назария ва таърихи меъморӣ.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар коркарди методикаи таҳқиқот, ҷамъоварии маводҳо бевосита дар маҳалҳои таҳқиқот, иштирок дар таҳлил ва таҳрири маводҳои бадастомада ва тайёр кардани онҳо барои нашр, тасвияти хулосаҳои асосӣ бо мақсади баамалбарории натиҷаҳои таҳқиқот.

**Баамалбарории кори илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омода сохтани васоити методӣ ва тавсияҳо оиди тарҳрезии объектҳои меъмории боғсозӣ барои лоиҳаҳои корҳои курсӣ аз рӯйи тахассуси 6901-01 “Меъморӣ”, кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот барои омода сохтани шиносномаи объекти меъмории манзаравии ш.Душанбе, 6 модели амалкунандаи объектҳои меъмории боғсозии ш.Душанбе, аз ҷумла боғҳои хурд барои муассисаҳои бачагонаи томактабӣ, ҳамчунин шаклҳои хурдҳаҷми меъморӣ бо унсурҳои кабудизоркунӣ дар як қатор микрорайонҳои ш.Душанбе, лоиҳаи ангории ободонии мавзеи назди хобгоҳи факултаи нақлиёт (с.2021

дар ҳаммуаллифӣ бо Исмоилов М. тайёр шудааст) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муқаррароти алоҳида ва тавсияҳои диссертатсия ба барномаи курси лексияҳо аз фанни «Тарҳрезии меъморию манзаравӣ» аз рӯи ихтисоси 6901-01 – Меъморӣ ворид карда шуданд. Тавсияҳо оид ба тартиб додани шиносномаҳои объектҳои меъморию манзаравӣ дар шароити иқлими гарму хушк барои дохил намудан ба системаи Кумитаи “Сохтмон ва Меъморӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК ПИТҶ «САНИИОСП», ВКД ПИТЛ «Душанбешаҳрсоз» пешниҳод карда шуданд.

**Тасвибияти натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳо ва семинарҳои сатҳашон гуногун ба тасвиб расонида шудаанд. Аз ҷумла: -конфронси байналмилалии илмию амалии “Дурнамои рушди илм ва маориф”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 27-28 ноябри соли 2019; -конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии “Асосҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкили техникии рушди комплекси сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 7 декабри ноябри соли 2019; -конфронси байналмилалии илмию амалии Дурнамои рушди илм ва маориф, “Полиграфия: ҳолат ва рушди дурнамои он”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 13 марти соли 2020; -конфронси ҷумҳуриявии илмию амалии “Илм – асоси рушди инноватсионӣ», ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 28-29 апрели соли 2020; -конфронси байналмилалии илмию амалии “Татбиқи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ дар ташаккули ҳукумати электронӣ ва саноатикунонии кишвар”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 7-8 майи соли2020; -конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Илм – асоси рушди инноватсионӣ”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 28-29 апрели соли 2021; -конфронси байналмиллалии илмӣ-амалии “Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дар гузашта, имруз ва оянда”, ДТТ ба номи ак. М.С.Осимӣ, 23 ноябри соли 2022; -дар маҷлиси васеи кафедраи “Меъморӣ ва шаҳрсозӣ”,Душанбе,23 сентябри с.2022; -дар семенари илмии назди маркази илмӣ-тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”-и Донишгоҳи техникии ба номи академик М.С.Осимӣ,Душанбе, с.2023;

**Интишорот.** Маводҳои диссертатсия дар 19 адад нашрия ба табъ расидаанд, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР нашр шуданд.

**Таркиб ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи умумӣ ва пешниҳодот, руйхати адабиёти истифодашуда бо миқдори 149 адад, сомонаҳои электронӣ, замимаҳо, 143 саҳифаи чопӣ бо назардошти 27 расм ва 7 таблитсаҳо иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

Дар қисми муқаддимавӣ мубрамии таҳқиқот ва мавриди тақозо будани таҳқиқоти диссертатсия дар амал асоснок карда шудааст, адабиёт шарҳ ёфта, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот тадвин гардида, муқаррароти асосии ба ҳимоя бароварда шуда муайян гардидаанд. Навгонии илмӣ ва арзишҳои амалӣ матраҳ гардида, оид ба тавсифи умумӣ, ҳаҷм ва сохтори кор, апробатсияи натиҷаҳо, инчунин саҳми шахсии муаллиф дар масъалаи таҳқиқшаванда маълумот дода мешавад.

**Боби 1 «ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ШАКЛГИРИИ БОҒҲО ДАР ШАҲРҲОИ АСРИМИЁНАГИИ ОСИЁИ МИЁНА»** Боби мазкур аз панҷ банд иборат аст.

***1.1. Шароити тавсеаи санъати боғдорӣ дар Осиёи Миёна.*** Дар банд ба ғайр аз вижагии умумии ҷуғрофӣ-табии Осиёи Миёна, хотиррасон мешавад, ки Тоҷикистон дар миёни кишварҳои дигари Осиёи Миёна сарзамини баландкуҳ ҳисобида мешавад.

Пойтахти Тоҷикистон – Душанбе дар баландии 750-930 метр аз сатҳи бахр, дар водии сераҳолӣ ва ҳосилхези водии Ҳисор ҷойгир буда, аз ғарб ба шарқ тақрибан ба

100 км тӯл  кашида, бараш дар қисмати миёна то 20 км-ро ташкил медиҳад. Минтақа қариб ҳама анвои шароити табиию иқлимии хоси Осиёи Миёнаро дорост.  Табиати минтақа бо гуногунрангӣ, бадалшавии ногаҳонии иқлим ва мавҷудияти манзараҳои нотакрор  фарқ мекунад.

Иқлими Тоҷикистон таъғирёбандаи континенталист. Дар ин ҷо гармии субтропикии дараҳо ва хунукиҳои арктикии водиҳои баландкӯҳ дар як вақт мушоҳида мешаванд. Релеф ва хоки маҳал асосан чун минтақаи серқабатаи амудӣ тавсиф шудааст.

Манбаъҳои асосии оби Тоҷикистон     пиряххо, дарёҳо (Сирдарё, Зарафшон, Вахш, Панҷ), инчунин кулҳо ва обанборҳо мебошанд. Олами набототи гуногунранги маҳал зиёда аз 5000 намуди растаниҳои олиро, ки дар асоси онҳо як қатор навъҳои   хосу наҷиби рустаниҳо ба вуҷуд омадаанд, фаро мегирад.

Ҳарорати иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун буда, дар водиҳои пастзамин субтропикӣ, дар қабатҳои миёнакӯҳҳо   гарми муътадил ва дар баландкӯҳҳо сард мебошад.   Аз сабаби мураккаб ва ноҳамвор будани сатҳи замин дар ин минтақа, дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон бодҳои суръаташон   пасту баланд   мансуб мевазанд. Манъбаи асосии намӣ боришот мебошад. Миқдори боришот асосан ба туфайли гардиши глобалии атмосфера ва хусусиятҳои орографии минтақа муайян карда мешавад.

Хусусиятҳои табиию ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди гардиши об ва таркиби хоку набосот, давомнокии тӯлонии давраи гармӣ, афзун будани радиатсияи офтобӣ, тағйирёбии нобаҳангоми ҳарорат, ҳадди ақали намиву боришот, номунтазамии вазиши бод зарурат ба миён меоранд, то ин ки   имкониятҳои беҳбуду такмили онҳо мавриди омузиш қарор ёфта, дар самти ободониву кабутизоркунии шаҳрҳои Тоҷикистон навгониҳо роҳандозӣ карда шаванд.

***1.2. Хусусиятҳои ташаккули санъати боғсозии меъмории шаҳрҳои асримиёнагии Хуросон ва Мовароунахр.*** Дар банди мазкур  масъалаҳои ташаккули санъати боғсозии шаҳрҳои асримиёнагӣ, аз замони давлатдории Сосониён ва то замони давлати Сомониён, -  мавҷудияти боғҳои ободи ва  биҳиштии назди қасрҳои бошукуҳи Эрони Сосониён дар асрҳои III-VI,   ва минбаъд   дар ин самт пайравӣ намудани давлати Сомониён дар асрҳои IX-X мутассил аз назар гузаронида мешаванд. Дар ин банд дар бораи боғҳои  буруншаҳрии Самарқанд ва Ҳирот маълумот дода мешавад. Дар бораи боғҳои Бухоро  ва шоҳ Исмоили Сомонӣ аз асари М.Наршахӣ («Таърихи Бухоро», асри X), маълумот   дода мешавад. Оид ба  боғҳои биҳиштӣ (мамнуъгоҳҳои дорои ҳайвоноти аҷоибу ғароиб) аз достони Қубавӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Ба таври мушаххас анъанаҳои меъмории чорбоғҳои давраи Темуриён дар атрофи шаҳрҳои Самарқанду Ҳирот таҳлил мегарданд, ки таҳқиқотҳои олимон     Г.А. Пугаченкова,   М. С. Тахтаходжаева, Д.А.Назилов ва М.А.Юсупова  ба ҳамин маосил бахшида шудаанд.

Маънои  калимаи "Чорбоғ", ки вожаи форсист,  "боғи чаҳоргона" аст. Ин  усули тархрезӣ  ба чаҳор қисм  ҷудо кардани  майдони чоркунҷа ё росткунҷаро дар бар мегирад.  Чунон ки Г.А.Пугаченкова қайд кардааст, «... Қоидаҳои ба нақшагирии чорбоғ дар рисолаи кишоварзии «Иршод-уз- зироат илм–ил-ҳиросат», ки дар Ҳирот тартиб ва  ба ҳомиву сарпарасти асосии сохтмони Ҳирот Алишер Навоӣ бахшида шудааст, ифода шудаанд. Дар ин рисола, комёбиҳои маданияти агротехникӣ ва сохтмони боғҳои асри XV ҷамъбаст гардидаанд. Дар рисола оиди сохти чорбоғ боби махсус ҷудо шудааст.  Ба ғайр аз ин рисола, дар бораи боғсозию ободонӣ  боз чанд

рисолаи дигари асримиёнагӣ мавҷуд аст, ки дар ин бора олими узбек У.Алимов қайд карда гузаштааст.

Чорбоғҳои замони минбаъда дар асари Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ «Убайдуллонома» маълумот дода шудааст: «...Дар ҳудуди якчанд боғҳои муштарак аз рӯи нақшаи ҳаҷмаш 1000 х1000 метри кв. чорбоғи чоркунҷашакл бино гардида, он дар навбати худ ба чоркунҷаҳои мураббаъ тақсим шуда буд. Гирдогирди ҳар кадом сафедорҳо қад мекашиданд, гулзорҳои шашкунҷаю секунҷа онҳоро оро медоданд, ҷӯйборҳои хурду калони объёрикунанда гузоронида шуда буданд, ки дар онҳо оби мусаффо ҷорӣ мешуд».

Ҳамунин ба миниатюраҳои асримиёнагӣ, ки дар онҳо боғҳои ҷомеаи олимақом, обанбору фавворахо, пайроҳаҳо, гулу гулбуттаҳо тасвир шудаанд, таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст.

***1.3 Мушахассоти корҳои беҳсозӣ ва ободонӣ дар Осиёи Миёна дар Давраи нав (нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX).*** Дар банди мазкур масъалаҳои таърихи сиёсии давраи дар Осиёи Миёна таъсис ёфтани се хонии мустақил: Бухоро, Хива ва Қӯқанд баррасӣ мешаванд. Дар ҳудуди Тоҷикистон бекигариҳои Уротеппа, Ҳисор, Балҷувон ва ғайра ташкил шуда буданд. Дар ин давра аҳамияти ҳокимияти муттамарказ коҳиш меёбад ва дар соҳаи сохтмон, ободонии марказҳои музофотии ҳудуди Тоҷикистон — Хуҷанд, Уротеппа, Исфара, Кулоб, Конибодом ва ғайра фаъолияти мустақилона меафзояд. Дар нимаи аввали асри XIX хонигарии Бухоро таҳти сарпарастии Русия қарор мегирад, дар натиҷа дар ҳудуди хонигарӣ ва баъдан аморати Бухоро унсурҳои маданияти аврупоӣ, русӣ пайдо мешаванд. Ҳамзамон дар ин давра (асри XIX — ибтидои асри XX) меъмории халқӣ инкишоф меёбад.

Яке аз мавзуъҳои диққатҷалбкунандаи банди мазкур — мавзуи ободонии Бухорои охири асри XIX - ибтидои асри XX (ансамбли боғии қасри «Ситораи моҳи Хоса») ва шаҳри Самарқанд мебошад ( дар мисоли кабудизоркунии гулгашти ба номи Абрамовский, ки аз рӯи нақшаҳои инженери ҳарбӣ, топограф ва ирригатор А. Н. Черневский ба амал омадааст). Ҳамчунин дар ҳамин ҷо аз рӯи наққошии минётурии асрҳои XVII – XVIII, баъзе аз манзилгоҳҳои асрҳои XVII-XIX баррасӣ мешаванд,, ки ба ҳайси маркази таркибии (композитсионии) боғ - қаср интихоб шудааст. Ду шакли қасрҳо дар мисоли шаҳрҳои асримиёнагии Самарқанду Бухоро ва Кобулу Ҳирот мавриди назар гардиданд.

Барои мисол як қатор манзилгоҳҳои наздишаҳрии Хуҷанд, Исфара ва Конибодом, ки аз ибтидои асри гузашта бетаъғир монда буданду дар натиҷаи азнавсозии чандинкарата ба куллӣ тағйир ёфтаанд, мавриди назар қарор дода шудаанд Дар шароити куҳсор ва доманакуҳҳои Тоҷикистон (дар болооби Зарафшон, Исфарасой, Аштсой ва д. ) манзилгоҳҳо ба шакли терраса, яъне зина ба зина сохта шуда, саҳни калони ҳавлигӣ надоранд.

***1.4. Аҳамияти хусусиятҳои ривоҷ додани меъмории боғсозӣ бо усули “Чорбоғ” дар шаҳрҳои асримиёнагӣ.*** Дар банди мазкур таҳлили паёпаи ташаккул ва тараққиёти меъмории боғсозӣ дар давраҳои гуногун баррасӣ шуда, минбаъд шаклгирии “Чорбоғ”-ҳо ҳамчун услуби миллӣ-анъанавии боғсозӣ муайян карда мешавад. Барои таҳлил аз тарафи мо усулу услубҳои анъанавии боғҳои қадимулаёми форсӣ ва испанӣ-мағрибӣ мавриди омузиш қарор гирифтанд. Хусусиятҳои услубҳои анъанавию аҳамияти боғҳои “Чорбоғ” дар таҳқиқотҳои олимони муосир Мирзоева Ф.З.,Ожегов С.С., Денгуб Е.А., Мария Луиза Готейн, Дэвид Стронах, Раҳимов К.Д., Файзуллоев Н., Малика ва Муҳайё Маҳмудоваҳо, Содиқова С.Н., Исмоилов М.И., Sophie Gilliat-Ray, Mark Bryant, D. Fairchild Ruggles, Enrique Figueroa-Luque, Moteyn G., Hanurhaza H., Harun N.Z., Mansor M., Zen I., Nazia Ansari зоҳир гардидаанд. Ҳамаи

ин боғҳои анъанавӣ қатъӣ ба шакли геометрӣ ба мисли квадрат, росткунҷа ва бо назардошти дурусти тамоюлҳои олам сохта шуда буданд. Фарқияти ин боғҳо дар тарҳрезии дохилиашон буд, чун дар ҳар кадом Биҳишт (Фирдавс) ва таҷассуми заминии он ба таври хоса тафсир мегардид.

Дар банди мазкур ҳамчунин аҳамияти махсуси шаклҳои анъанавии боғи “Чорбоғ”, ҷои хоса доштани он дар дунёи Исломӣ ва Қуръони Карим гузориш шудааст. Рақами “Чаҳор” (4) чор нишондиҳандаи сохтори боғро дар бар мегирад: меъморӣ (бино,қаср); чаҳор боғ; об (дастгоҳҳои объёрикунанда);дарахт. Чаҳор ҷӯйбор (канал)маънои об,асал,шароб,ширро дошт. Маънии “Чорбоғ” ҳамчун чор унсур фаҳмида мешуд, ки ишорат ба “биҳишт дар боғ” ва ё “боғи фирдавс” буд. Чор унсур маънои чор қувваи табиатро низ дошт: замин,об,оташ ва ҳаво.

Дар ҳамин банд шакли дигар боғҳои на он қадар калону пуршукуҳ ба мисли:

- бӯстон (боғи мева) бо ҳавзҳои калони гирдогирдашон дарахтзор, аз қабили чакалакҳои зайтуну нахл, дигар дарахтони мевадиҳанда;
- гулистон- боғи садбаргу дигар гулҳо;
- сиршах - боғҳои полезиву обчакорӣ, ки дар он сабзавоту кабудӣ барои ошпазҳо парвариш меёфтанд, низ мавриди назар гардидаанд.

Ҳар як ҷузъиёте, ки боғи анъанавиро пурра мегардонд, аҳамияти худро соҳиб буд ва вазифаи муайяншударо ба анҷом мерасонд.

***1.5. Раванди кабудизоркунӣ дар санъати боғсозӣ.***

Дар ин қисмат аҳамияти анъанавӣ ва шаклҳои истифодаи навъҳои буттаву дарахт, гулзору чаманҳо, ки аз сарчашмаҳои адабӣ, минётураҳои асримиёнагӣ, ашъори шоирон, муаррихон, сайёҳатчиён, муҳаққиқони советиву муосир дар соҳаи боғсозӣ бармеоянд, мавриди назар қарор дода шудааст (Расми 1). Хусусиятҳо ва аҳамияти



**Расми 1. Коллаж аз растаниҳои истифодашаванда дар боғҳои таърихии “Чорбоғ” мувофиқи манбаҳои асримиёнагӣ**

баъзе намуди растаниҳо, ки манзараи ороишӣ-бадеӣ, миллӣ-анъанавии маҷмааҳои боғиро дар якҷояги бо қолини сабза чун ҷои осоишу тамошобоб ба вуҷуд меоранд, ба таври ихчам таҳлил шудаанд. Нақши асосии сабзаву кабудизори боғ ба вуҷуд овардани соя- паноҳгоҳҳо аз офтоби сӯзону гармои рӯз мебошад. Бо ин мақсад дар қадамгоҳҳо дарахтони сояафкан шинонда мешуданд ва чаману гулзорҳо меофариданд.

Ҳамчунин дар боғҳо тасаввуроти розу асрори ниҳонӣ, ҳузуру ҳаловат, нафосат, мувофиқати муҳити табиӣ эҳсос мегардид.

**Боби 2 «ТАРАҚҚИЁТИ САНЪАТИ БОҒСОЗИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ»** ин боб аз чор банд иборат аст.

***2.1. Марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи меъмории боғсозӣ дар Тоҷикистон.***

Дар банди мазкур марҳилаҳои инкишофи боғсозӣ дар Тоҷикистон дар замони давлатдории советӣ, ки дар ибтидои ин давра дар марҳилаи рукуд қарор дошт, таҳлил шудааст. Аз замони тақсимоти миллии сарзамини Осиёи Миёна ба ҷумҳурияҳои алоҳида дар таркиби давлати Иттиҳоди Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ (солҳои 20ум асри XX) давраи нави меъморӣ, аз ҷумла меъмории боғсозӣ оғоз меёбад, ки ҳамзамон ба сохтмони сохти нави ҷамъиятӣ, яъне ҷамъияти сотсиалистӣ марбут буд.

Ба таври кул, ташаккул ва инкишофи меъмории боғсозӣ дар Тоҷикистони Советӣ ба 3 марҳила ҷудо мешавад:

Марҳилаи I – давраи пайдоиш, миёнаи солҳои 30-ум- миёнаи солҳои 50-ум;

Марҳилаи II – давраи ташаккул, охири солҳои 50-ум - тамоми солҳои 60-ум;

Марҳилаи III – давраи инкишоф, солҳои 70-ум ибтидои солҳои 90-умро дар бар мегирад.

Аз ҷиҳати инкишофи меъмории манзаравӣ дар давраҳои номбурда вижагиҳои барҷаста ба назар мерасанд.

***2.2. Ташаккули санъати меъмории боғсозӣ дар давраи пайдоиш (миёнаи солҳои 30-ум- миёнаи солҳои 50-ум).*** Дар банди мазкур марҳилаи якуми солхои 30-ум то миёнаҳои солҳои 50-ум муфассал таҳлил карда мешавад. Маҳз дар ҳамин давра бо пайдо шудани мафҳуми меъмории манзаравӣ дар ташаккул ва азнавсозии масоҳатҳои фарроҳ (майдонҳо, боғҳо, гулгашту хиёбонҳо ва ғайра) таъғиротҳои куллӣ ба миён меоянд. Бори аввал нақшаи куллии шаҳри Душанбе бо назардошти чорабиниҳои аввалин оид ба меъмории манзаравии (ландшафтӣ) масоҳатҳои кабутизоршуда тарҳрезӣ мегардад.

Барои тавзеҳи комили марҳилаи якуми (солҳои 30-50-уми асри XX) шаҳри Душанбе дар боби мазкур боғу хиёбонҳо ва гулгаштҳо дар мисоли боғи ба номи Садриддин Айнӣ, боғи ҷавонон бо кули Комсомол, боғи ботаникии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, боғи бачагонаи маданият ва истироҳати шаҳрӣ, гулгашти Бустон, кӯчабоғ дар хиёбони ба номи академикон Раҷабовҳо (Куйбышев), майдони назди вокзали роҳи оҳани ба номи В. Куйбишев таҷзия ва таҳлил карда шуданд.

Дар қатори объектҳои дар банд ҷой додашуда инчунин маҷмааи Институти давлатии тарбияи ҷисмонӣ бо масоҳати 40 гектар, ки дар ҳамвории теппаи Лучоб, дар доманакуҳҳои қаторкуҳи Ҳисор ҷойгир аст, ишора шудааст.

Иншооти дигар Театри опера ва балет мебошад, ки дар меҳвари хиёбони ба номи академикон Раҷабовҳо ҷойгир карда шудаааст. Дар сохти он меъморон на фақат барои таҷассуми нишонаҳои ба ғояҳои меъмории советии давраи пеш аз ҷанг ҷавобгӯ кӯшиш ба харҷ додаанд, балки дар он анъанаҳои миллии меъмории тоҷик низ равшан зоҳир гардидаанд. 17 феврали соли 1942 маросими ботантанаи ба истифода дода шудани бинои нави театр баргузор гардид.

***2.3. Санъати боғсозӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон дар давраи ташаккул (охири солҳои 50-ум - тамоми солҳои 60-ум).*** Марҳилаи дуюми ташаккули меъмории

боғсозӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон аввалан ба шаҳри Душанбе ва баъдан, бо миқёси нисбатан хурдтар ба шаҳрҳои дигари Тоҷикистон таъсир мерасонад. Дар Душанбе ин марҳила тадбиқи чорабиниҳои кабудизоркунии шаҳрро, ки дар нақшаи генералии солхои 1948—1955 пешбинӣ шуда буд, идома медиҳад.

Соли 1956 ба оғози таҷдиди корҳои ободонӣ дар шаҳру шаҳрчаҳои коргарнишин рост меояд.Совети Вазирони РСС Тоҷикистон номгӯи нави дарахтон,бутта гулу растаниҳои шукуфоиро, ки дар Институти ботаникаи АФ РСС Тоҷикистон тадбиқ шуда буданд, тасдиқ намуд. 79 навъи ин гуна растаниҳо, аз ҷумла дарахтони санавбари қримӣ, сарвиноз, чинор, чанори зарангбарг, булут, заранг, зерфун, шоҳбулут ва ғайра ба ин рӯихати ҳатмӣ ворид шуданд.

Дар банди мазкур композитсияҳои меъморӣ-лоиҳавии шаҳр бо майдонҳои фаррохи сабзу хуррам дар соҳили дарёи Душанбе, ки бо майдонҳои сабзи маҳалҳои истикоматӣ пайваст мешаванд, таҷзия ва таҳлил мегарданд. Ҳамон давра тарҳрезии маркази шаҳрро дар ҷои майдони мавҷудаи ба номи Ленин (ҳозира И.Сомони) бо тавсеа ба самти рӯди Душанбедарё дар шакли кӯчаи васеъ бо хиёбонаш ба нақша гирифта буданд. Рушди меъмории муосири Душанбе аз ибтидои солҳои 60-ум то аввали солҳои 70-ум коҳиш ёфта, паст шудани фаъолияти эҷодии меъморон аён буд.

Дар мисоли шаҳри Душанбе раванди душвори самти эҷодии боғсозӣ дар солҳои 60-ум баррасӣ мешавад. Ба ҳамин минвол, то ба охир нарасидани сохтмони обанбори «кули Комсомол” таҳлил шудааст. Композитсияи манзаравии ин боғ аз он сабаб ҷолиб аст, ки муаллифон тавонистаанд бо истифода аз сатҳи зинамонанди релеф (террасавӣ) ва усулҳои ҷойгиркунии бамавриди дарахту наботот, дар маркази шаҳр нусхаи манзараи табииро биофаранд.

***2.4. Тараққиёти боғҳо дар давраи инкишоф (солҳои 70-ум ибтидои солҳои 90-ум).*** Дар банди чоруми боб асосан натиҷаҳои ислоҳоти нақшаи генералии шаҳри Душанбе, ки 30 декабри соли 1983 бо назардошти тахминан 750 ҳазор нафар аҳолӣ тартиб ва тасдик шудааст, муҳокима мегардад. Муаллифони лоиҳаи ислоҳот барои он кушиш ба харҷ додаанд, ки зебогии эҷодиёти меъмориро аниқ дарк намоянд, ба ташкили ҳаматарафаи муҳити зисти замонавӣ, рангорангии қарордодҳои қобили қабули меъморӣ ва масоили ҳалталаби экологии шаҳрӣ диққат диҳанд.

Дар банд ҳамчунин оиди рафти иҷрои нақшаи кабудизоркунии шаҳрҳо, ки бинобар тағир ёфтани тамоюлот дар инкишофи санъати боғсозии ватанӣ пурра иҷро нагардидааст, муфассал сухан меравад.

Вобаста ба ин сабабҳои вайрон кардани минтақаи боғоти соҳили рӯди Душанбе баррасӣ мешавад.

Дар раванди баррасии мавзеи кӯли Комсомол таҳлили маркази фарҳангию фароғатии «Кохи Наврӯз», ки дар паҳлӯи меҳмонхонаи “Хайят” сохта шудааст, муҳокима шуда ба масъалаи иртибот доштани боғи атрофи ин иншоот ба суннатҳои бостонии санъати боғсозӣ, ки бо бисёрии вижагиҳояш ба чорбоғҳои анъанавии бустонсаройҳо нигаронида шудааст, аҳамият дода мешавад.

Ҳамчунин дар банди мазкур манзара ва ҳалли композитсионии Боғи Ғалаба, ки дар теппаҳои шарқии шаҳри Душанбе ҷойгир гардидааст, мадди назар қарор мегирад. Ташаккули меъморӣ-мавзеии қитъаи Боғи Ғалабаи шаҳри Душанбе релефи мураккаби соҳили чапи дарёи Душанберо дар сохтори ин боғ равшан инъикос мекунад. Дар навбати худ мавҷуд будани майдончаҳо барои тамошо, роҳи кабелии муаллақ, ҷойгиркунии озодонаи масири сайругашт дар минтакаи истироҳати orом далолати истифодаи оқилонаи хусусиятҳои сатҳи замини инҷо ва дарахтони ба тарви табии руста, аз ҷумла як як булутҳои пир мебошад.

Баъдан боғи Лучоб, ки дар канори теппаи баланди ҳамноми ҷойгир дар гардиши дарёҳои Лучоб ва Варзоб (рӯди Душанбе) густурда шудааст, баррасӣ мешавад. Масоҳати умумии боғ 10 гектарро ташкил медиҳад. Қад-қади нишебиҳои теппа роҳи мумфарш бо деворҳои танбадор ва таваққуфгоҳҳо барои мошин сохта шудааст.

Боғи дӯстии халқҳо (баъди азнавсозӣ дар соли 2019 ба он номи Фирдавсӣ дода шуд) ягона ансамбли боғӣ дар қисмати ҷанубии шаҳри Душанбе мебошад.

Дар мавриди ин боғ, ки бо аттраксионҳо ва унсурҳои гуногуни меъморӣ муҷаҳҳаз гардидааст, таҳлили манзаравӣ-композитсионии он ҷой дода шудааст.

Аз ҷумла, дар ҳамин банд тавсифи композитсияи маҷмааи монументалию ҳайкалтарошии ба 100-солагии рӯзи таваллуди Садриддин Айнӣ бахшидашуда, ки дар майдони ҳамном қомат афрохтааст, мавриди назар қарор гирифтааст.

Аз ин маҷмааи ёдгорӣ ба тарафи ҷануб, то истгоҳи роҳи оҳан кӯчабоғе доман паҳн карда ва дар тарҳи меъморӣ-мавзеии он ду маркази асосӣ (композитсионӣ) ба назар мерасад: майдони ба номи С.Айнӣ ва майдон бо муҷассамаи В.В.Куйбишев, ки солҳои 1936-1937 аз тарафи ҳайкалтарош Д.Д.Стреляев офарида шудааст.

**Боби 3 «ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛ НАМУДАНИ САНЪАТИ МЕЪМОРИИ БОҒҲО ДАР СОЛҲОИ БАЪДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН** (дар мисоли шаҳри Душанбе)». Боби мазкур аз панҷ банд иборат буда, дар онҳо муқаррароти асосии ғояи диссертатсия оид ба ташаккули меъмории боғсозӣ дар мисоли шаҳри Душанбе аз соли 1991 то 2022 мадди назар қарор дода шудааст. Принсипҳои ғоявие, ки дар боб мураттаб шудаанд, бояд ба инкишофи минбаъдаи санъати боғсозӣ дар дигар шаҳрҳои Тоҷикистон мусоидат намоянд.

***3.1. Тамоюлҳои муосири рушди санъати манзаравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Ҷустуҷӯи фаъолонаи воситаҳои аслӣ ва ифодакунандаи объектҳои меъмории боғҳо ҳаминро нишон дод, ки дар ин самт масоили экологӣ бештар мадди назар қарор ёфтааст. Аз ин рӯ, дар ин банд принсипҳои асосии ҳамин паҳлу баррасӣ мешаванд. Ин гуна муносибат дар асоси далелҳои қотеъ ба миён омадааст, зеро Тоҷикистон аз ҳисоби табиату манзараҳои беназир ва минтақаҳои гуногуни хокиву ботаникиаш дорои олами бой ва рангини набототу ҳайвонот мебошад.

Дар банд ба таври илова маълумот аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Принсипҳои арзёбии таъсир ба муҳити зист», ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии арзёбии таъсир ба муҳити зист ва ғайраро муқаррар менамояд, оварда шудааст.

Мақсад аз татбиқи равиши экологӣ дар санъати боғсозии манзаравӣ ташаккули муҳити бароҳат барои ҳаёт ва истироҳати инсон, бо назардошти таъмини мувозинати экологӣ мебошад. Ин махсусан барои шароити экстремалии Тоҷикистон, ки бо ҳарорати баланди тобистон, ҳавои хушк, тӯфони чангу ғубор, зилзиланокии баланд, релефи кӯҳӣ, майдони маҳдуди ҷангал ва ғайра хос аст, муҳим мебошад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти рушди санъати муосири боғсозӣ дар Тоҷикистон як қатор равияҳои асосиро муайян мекунад, ки аз байни онҳо муҳимтаринашро метавон ҷудо кард:

- экологизатсияи санъати боғсозӣ (масалан, дар шаҳри Душанбе гушаҳои олами табиат дар майдонҳои калони боғҳо, дар минтакаи истироҳати Варзоб ва ғайра пайдо мешаванд);
- ҷойгиркунии боғҳои хурд дар маҷмааҳои бузурги меъморӣ (масалан, дар шаҳри Душанбе дар боғи Куруши Кабир);
- дар ҳудудҳои азхудшуда (конҳо, дараҳо ва дигар объектҳои ба ин монанд) ташкил намудани боғҳо;

- ҳадди аксар озод кардани манзараҳо аз иморатсозӣ, ба қавле нигаҳдории "эстетизми" ландшафт, масалан, ҳангоми сохтани иншооти зеризаминӣ ё пӯшидани аксари биноҳо бо чамани гулҳо;

- дарояндаи наздик ба вуҷуд омадани категорияҳои нави объектҳои санъати боғсозӣ, аз қабили боғҳои «бизнесӣ» дар атрофи муассисаҳои идоравӣ ва корхонаҳои саноатӣ;

- истифодаи анъанаҳои гузашта дар санъати боғсозӣ: бунёди ҳавлиҳои сарсабзу бароҳати дохилӣ – ҳавлӣ-патио, сақфи сабз, истифодаи топиарийҳо дар симои ҳайвоноту парвонаҳои боғӣ, яъне унсурҳое, ки дарки эмотсионалии боғро тақвият медиҳанд, арзиши эстетикии онро баланд мебардоранд;

- рағбати дарояндаи наздик офаридани манзараҳои бадеӣ.

Инкишофи назарияи «ҷалбкунӣ» (аттраксион) дар санъати боғсозӣ, истифодаи усулҳои «омезиши ноҷӯр», «беҳтарин», эффектҳои ҳудудӣ (фрейминг), аксандозӣ ва ғайра.

Тавассути тадқиқотҳое, ки дар доираи кори мо амалӣ гардиданд, самтҳо ва тамоюлҳои асосии рушди санъати боғсозӣ муайян карда шуда асосашонро инҳо ташкил медиҳанд:

- эстетикаи нави дарки муҳити табиӣ;

- муносибати экологӣ ба тарҳрезӣ, ки барои ба эътидол овардани вазъияти экологӣ равона шудааст;

- нигох доштани гуногунии биологии набототу ҳайвонот дар табиат;

- баланд бардоштани устувории манзараҳои ба вучуд овардашуда, кобилияти истеҳсолӣ ҳангоми сохтмон ва хизматрасонӣ;

- кам кардани хароҷоти меҳнат барои нигоҳубини объектҳои анҷомёфта;

***3.2. Муҳити шаҳр ва кабудизоркунӣ дар заминаи тамоюлҳои муосири бунёди боғсозӣ.*** Муносибати экологӣ дар меъморӣ ҳалли чунин як масъалаи муҳимро, аз қабили безараргардонии оқибатҳои урбанизатсияро тавассути воситаҳои меъморӣ ва ландшафтӣ муайян мекунад. Масалан, бино ба тадқиқотҳои олимон, барои танзили оқибатҳои урбанизатсия дар шаҳри Душанбе бо истифодаи усулҳои меъморию манзаравӣ дар шароити релефи кӯҳию водии Душанбе, гардиши ҳавову воридшавии насими дарё ва бодҳо аз ҷониби қуллаҳои баланд ба умқи маҳаллаҳои пуриморат накши муҳим мебозанд. Дар ин банд кабудизоркунии шаҳрҳо ва унсурҳои санъати меъмории боғсозӣ, ки яке аз роҳҳои ҳамоҳангсозии фазои шаҳр мебошад, муфассал таҳлил карда мешавад. Ба ин муносибат аҳамият дода мешавад ба як қатор иқдомҳое, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе бо мақсади обод кардани майдонҳои ҳавлии маҳаллаҳои истиқоматии шаҳри Душанбе ва беҳтар намудани симои пойтахт пеш гирифтааст. Ғайр аз ин, ба сохтмонҳо дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар ин банд ҷадвали тавсияшудаи ояндадори навъҳои дарахту буттаҳо оварда шудааст, ки дар шароити хушки субтропикӣ аҳамияти калон доранд.

Тадқиқотҳои охирин дар соҳаи санъати боғсозии ватанӣ ва хориҷӣ рушди афкори эҷодии манзаравиро инъикос мекунанд. Ба андешаи мо, барои меъмории боғсозии Тоҷикистон, бахусус, шаҳри Душанбе пайравӣ ба усулҳои ташкили «вазъияти бозӣ» дар минтақаҳои оммавии боғҳои «бисёрравия» ҷолиб ва ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин самт барои истифодаи ҳайкалтарошии функсионалии пластикӣ, шаклхои хурд, «ҳайкалчаи сабз» имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Аз ин рӯ, комилан равшан аст, ки минтақаҳои боғҳои шаҳри Душанбе навгонӣ металабанд: дар ғановат бо композитсияҳои ороишӣ, ба шаклҳои хурди муҷассамавӣ дар мутобиқи талаботи дарки визуалӣ, ба микроминтақаи муҳити боғ бо назардошти таъсири композитсияҳои ҳайкалтарошӣ ба он.

***3.3. Проблемаҳои ободонӣ ва боғдорӣ дар партави нақшаи нави генералии шаҳри Душанбе.*** Дар банди сеюми боб як қатор проблемаҳои ободонии шаҳри Душанбе дида баромада шудаанд, ки онҳо мисли оина тамоми масоили ҳалталаби сохтмони шаҳрии ҷумҳуриро инъикос мекунанд. Дар ин банд дар шакли ҷадвали рӯйхати навъҳои дарахтон ва буттаҳои гулҳои хушбӯйкунанда оварда шудааст, ки ҳангоми сохтани композитсия, ҳам дар боғҳо ва ҳам дар дигар минтақаҳои ободшудаи шаҳри мо арзёбӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз ба ҳалли маҷмуи масъалаҳо аз рӯи панҷ талаби асосӣ, ки роҳати зиндагии шаҳрвандҳо аз онҳо вобаста аст, диққат дода мешавад. Дар шаҳри Душанбе масъалаҳои дар боло зикршуда танҳо дар даҳсолаи охир аҳамияти калон пайдо кардаанд. Айни замон вуруди сайёҳон ва меҳмонон, аз ҷумла мансабдорон, шахсони расмӣ афзудааст ва онҳо ба шаҳр на танҳо аз рӯи биноҳо ва маҷмааҳои бонуфузи давлатӣ, балки аз хисоби элементҳои ободонӣ, махсусан чароғункунии шабонаи шаҳр ва ғайра низ баҳо медиҳанд.

***3.4. Тавсияҳо оид ба коркарди шиносномаи объекти меъморию манзаравӣ.***

Шиносномаи объекти меъморию манзаравӣ – ин санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, ноҳия, шаҳр тасдиқ карда мешавад ва дорои маълумот дар бораи ном, мавзеъи ҷойгиршавӣ, сарҳад, минтақаҳои функсионалӣ мебошад. Бо мақсади муқаррар намудани талаботи ягона оид ба ташкил, азнавсозии боғҳои вилоят, ноҳия ва шаҳр, ҳифзи мухити таърихию табиӣ, фароҳам овардани шароити мусоид, бехатар ва бароҳат барои истироҳати сокинон тасвиб мешавад.

Ҳамчунин паёпай принсипҳои тартиб додани шиносномаи объекти меъморию манзаравӣ дар мисоли шаҳри Душанбе муҳокима карда шуда, мафҳумҳои умумии объекти манзаравӣ ва хусусиятҳои он, талаботи асосии ташкили боғҳо, ба минтақаҳо ҷудо кардани онҳо ва ғайра муайян карда мешавад.

Барои мисол, аз тарафи муҳаққиқ шиносномаи боғу хиёбони шаҳри Душанбе тартиб дода шуда, дар тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот барои ташкилотҳои лоиҳакашии системаи Кумитаи "Сохтмон ва Меъморӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ҷой дода шудааст.

***3.5. Моделҳои функсионалии объектҳои санъати боғдорӣ дар шаҳри Душанбе.*** Ҳангоми тарҳрезии объектҳои меъмории манзаравӣ ҷустуҷӯи ҳалли композитсия ба таври стихиявӣ сурат мегирад. Лоиҳакаш бо дониш, таҷриба ва тахайюлоти эҷодии худ роҳнамоӣ карда, асарҳои санъати боғсозиро эҷод мекунад. Дар ин самт ба вай лозим аст маҷмуи маълумоти ибтидоии хосияташон гуногун, инчунин як қатор талаботи меъёриро таҳлил намуда мадди назар қарор диҳад. Ин раванд бояд барои он ташкил карда шавад, ки ба камбудию хатоҳои гуногун роҳ дода нашавад, чун ки баъд аз татбиқи лоиҳа ислоҳи онҳо ғайриимкон мегардад. Дар робита ба ин, дар банд шаклгирии як қатор ақидаҳои меъморӣ-лоиҳавӣ бо мақсади муайян кардани ҷоизтаринашон аз нуқтаи назари тадбиқи функсионалӣ ва иқтисодии онҳо ба низом даровардa шуд, яъне макетҳои функсионалии объектҳои санъати манзаравии шаҳри Душанбе. Бояд қайд кард, ки модели функсионалии объект- ин тасвири графикӣ дар шакли сатҳҳои нақша таркиб ва робитаи мутақобилаи вазифаҳои объект мебошад.

Дар ин маврид муаллифи рисола 6 намуди модели функсионалии меъмории боғсозӣ таҳия кардааст:

Бояд қайд намуд, ки модели зерини функсионалӣ ҳамчун шакли намунавии таҳияи ин намуди моделҳо оварда шудааст(барои модели боғҳои хурд, гулгаштҳои хурд, гӯшаҳои кабудизоршудаи байниҳавлигӣ ва ё назди биноҳои ҷамъиятию маъмурӣ) ва бо тақозои замон ва муҳит метавон шаклашро дигар ва мукаммал гардонида шавад.

Ин модел метавонад ҳам ба шакли хоса ва ҳамчун як воҳиди маҷмааи ободонӣ дар шароити гуногуни экологии шаҳрҳо истифода шавад (Расми 2). Ҳамин тариқ, модели функсионалии объекти меъмории боғӣ метавонад як навъ дастуре барои ороишгари меъмории боғҳо дар таҳияи лоиҳа гардад.




**Расми 2. Моделҳои функсионалии боғи хурди дар шакли "Чорбоғ". Намудҳои умумӣ. А. Боғи хурд дар шакли оддии "Чорбоғ". Б. Боғи хурд бо партери обӣ. В. Боғи хурди Гулистон**

**Дар охири диссертатсия** натиҷаҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ оид ба мавзӯи интихобшуда ҷамъбаст гардида, тамоюлҳои муосири рушди сохтмони боғсозии ландшафтӣ мураттаб ва аломатҳои нави такмили он муайян карда шудаанд.

## ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ

## *НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ТАҲҚИҚОТ*

1. Шароити табиию иқлимии ҳудуди Тоҷикистон (иқлими гарми хушк, релефи кӯҳию доманакӯҳ дар қисми зиёди сарзамин, захираҳои обу ҷангал, фаъолияти баланди зилзилавӣ ва ғайра) омили объективии ташаккули анъанаҳои боғсозии маҳаллӣ дар инҷоанд. [1-М].

2. Гарчанде санъати боғсозӣ дар Осиёи Миёна яке аз куҳантарин намуди фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад, ташаккули он ба асрҳои IX-X ва рушди он ба асрҳои XIV-

XVII, бо пайдоиши рисолаҳои аввалин оид ба бунёди боғу гулзорҳо рост меояд . [3-М,7-М,14-М].

3. То замони Темуриён дар ҳудуди марзу буми тоҷикнишин оиди бунёди боғҳои навъи «Чорбоғ» қонунҳои муайян таҳия шуда, баъдан дар тамоми шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон паҳн гардиданд; Дар асри XIV рисолаҳо оид ба бунёди боғу гулзорҳо ба миён меоянд ва яке аз муфассалтарини ин рисолаҳо “Иршод-уз-зироат-илм-ил-ҳиросат” мебошад, ки дар он бобн махсус ба сохтори боғи “Чорбоғ”, интихоб ва ҷойгузории дарахтон, рустаниву гулҳо, ва тарзу шароити нигоҳубини онҳо бахшида шудааст [1-М, 3-М, 7-М].

4. Ҳамроҳшавии Бухорои шарқӣ (сарзамини Тоҷикистон) ба кишвари Русия ба ташаккули меъморӣ таъсири мусбат расонд. Дар шаҳрҳои бостонии ин кишвар маҳаллаҳои руснишин сохта мешаванд. Системаи ягонаи боғсозӣ, гулгашту хиёбонҳо, яъне аввалин меъмории ландшафтӣ ба миён меояд. Бунёди хонаҳои истиқоматӣ ва кучаву майдонҳо ба тарзи нақшагирии аврупоии шаҳрсозӣ мувофиқ карда мешаванд. [5-М].

5. Санъати боғсозӣ дар Тоҷикистони шуравӣ бо қадамҳои аввалини сохтмони шаҳру деҳот дар миёнаҳои солҳои 30-уми асри гузашта оғоз ёфта аз се марҳила иборат аст: давраи пайдоиш, миёнаи солҳои 30-ум – миёнаи солҳои 50-ум; давраи ташаккул, охири солҳои 50-ум - тамоми солҳои 60-ум; ва давраи инкишоф, солҳои 70 аввали солҳои 90-ум. [4-М. 12-М, 19-М].

6. Асоси муносибатҳои экологиро дар санъати боғсозӣ принсипҳои зерин муайян мекунанд:

- ҳифзи гуногунии биологӣ, эҳтироми одамон ба муҳити атроф;
- истисно ва пешгирии таъсири манфӣ ба экосистемаҳои табиӣ;
- истифодаи эҳтиёткоронаи намудҳои наботот ё хайвонот, ки дар минтақаи хеле маҳдуди намудҳои наботот ва ҳайвонот вокеъ гаштаанд;
-универсалӣ, интегратсия;
-истифода аз маводҳои табиӣ;
-истифодаи самараноки барқ;
-паст кардани хароҷоти меҳнат ҳангоми растанишинонӣ.
- нобудкунӣ ва коркарди партовҳо [2-М, 8-М].

7. Рушди санъати муосири боғсозӣ дар Тоҷикистон як қатор тамоюлҳои асосӣ дорад:

- экологизатсияи санъати боғдории манзаравӣ;
- ҷойгир намудани боғҳои хурд дар маҷмааҳои бузурги меъморӣ;
-коммуникатсияҳои муҳандисӣ-сохтмонӣ дар муҳити зисти инсон;
-банақшагирӣ ва таҳияи системаҳои кабудизоркунии мавзеъҳои махсус;
- ба таври максималӣ озод кардани манзараҳои ландшафтӣ аз сохтмон, Бино кардани ландшафти сунъӣ бо истифода аз маводҳои табиӣ;
-ҷустуҷуи фаъолонаи тарҳи меъморӣ-бадеии боғҳое, ки истифодаи шаклҳои гуногун, комбинатсияҳо ва усулҳои гуногуни континенталиро тақозо менамояд;
- истифодаи хосиятҳои материалҳои анъанавӣ ва нав: бетон, металл, шишаи ранга, бофандагӣ, ганҷ ва ғайра;
- истифодаи анъанаҳои гузашта дар санъати боғсозӣ;
- хоҳиши эҷоди манзараҳои бадеӣ. [13-М, 18-М, 19-М].

8. Боғҳои хурд бо шакли худ ба минтақаҳои на чандон калони кабудизоршуда хиёбонҳо, гулгаштҳо, даромадгоҳи боғҳо, боғҳои даруниҳавлигӣ, боғҳои зимистонаи дохили меҳмонхонаҳо ва дигар маҷмааҳои ҷамъиятии дар ибтидои асри XXI дар пойтахти Тоҷикистон, -шаҳри Душанбе сохта шуда шабоҳат доранд [15-М].

9. Ҳуҷҷатгузории боғ дар асоси нуқтаҳои зер тартиб дода мешаванд: (ҳуҷҷатҳои таъиноти шаҳрсозидошта, лоиҳаи банақшагирии муфассал). Дар шиноснома маълумотҳои мукаммал оид ба ном, ҷойгиршавӣ, масоҳат ва сарҳади боғ,ҳамчунин минтақаҳои аҳамияти функсионалидошта ҷойгир карда мешаванд. [18-М].

10. Дар мураттабсозӣ ва таҳияи лоиҳа, модели функсионалии объекти меъмории боғсозӣ барои меъморон ва муҳандисон чун унсури ёрирасон хизмат менамояд. Модели функсионалӣ барои ба мақсади муайян расидан кумак мерасонад. Барои аз чанд варианти мувофиқ интихоб намудани варианти самараноку оптималӣ, ки функсияҳои асосии объектро ба амал мебарорад, мусоидат менамояд. Дар асоси таҳкурсии мавҷудаи экологӣ моделҳо дар сатҳи баланди бадеӣ-эстетикӣ мураттаб мегарданд. Модели функсионалӣ дар оянда метавонад шакли дигар гирад ва такмил дода шавад [4-М].

## *ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО*

1. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба санъати боғсозӣ дар шаҳри Душанбе тавсия мешавад, ки афкори эҷодии манзаравӣ дар самти бунёди «боғҳо-артефактҳо»-и Е.В. Забелина, боғҳо- экспозитсия, боғҳои насбкунӣ, таҳияи назарияи «аттраксионӣ» дар тарҳрезии манзаравӣ, яъне «мувофиқати номувофиқ», «таъсири тасвир», «тахмин ба тааҷҷуб», боғҳои «афсонаҳои эҳёшуда», «муъҷизаи табиат» равона гардад.

2. Барои ба таври оптималӣ кабудизор кардани шаҳрҳои Тоҷикистон, бахусус пойтахти он шаҳри Душанбе лозим аст:

- нигаҳдории фаунаи табии дараҳои Варзоб ва Ромит, ҳамчунин дар ин минтақаҳо ташкил кардани боғҳои ҷангалшакл;
- барои муҳофизати шаҳрҳои Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳри Душанбе, ки ба туфонҳои чангу ғубор, шамоли хушк ва сахт дучор мешавад, минтақаҳои тасмашакли муҳофизатии сабз ташкил карда шаванд;
- ташкили парвардаҷойҳои махсус барои ниҳолу буттаҳо дар сохтмони шаҳри Душанбе, инчунин пешбинӣ ва тараққӣ додани гармхонаҳои гулу растаниҳои зебои яксолаву бисёрсола. Фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии “Зеленстрой”, ки бо парвариш ва тайер кардани ниҳоли гул сару кор дорад, ба талаботи имруза ҷавобгуй нест.

3. Ҳамаи боғу гулзорҳои ҷамъиятӣ бояд дорои шиноснома бошанд. Дар шиноснома маълумотҳои мукаммал оид ба ном, ҷойгиршавӣ, масоҳат ва сарҳади боғ,ҳамчунин минтақаҳои аҳамияти функсионалидошта ҷойгир карда мешаванд.

4. Ҳангоми мураттабсозӣ ва таҳияи моделҳои функсионалии объектҳои меъморӣ-манзаравӣ бояд ин омилҳо ба назар гирифта шаванд:

- объектҳои таъиноти гуногун ба таври возеҳ тақсим карда шуда арзишҳои функсионалӣ ва таъсири берунии объект ба назар гирифта шавад;
- функсияҳои асосӣ ва иловагии объект муайян карда шаванд;
- дар модели функсионалии объекти меъмории ландшафтӣ муайян кардани омилҳои асосӣ барои мавҷудияти минбаъдаи онҳо;
- барои муайян кардани хусусиятҳои хоси объекти ландшафтӣ, эҷод кардани системаи омилҳое, ки бо ерии онҳо объект фарц карда шавад;
- муайян кардани параметрҳои оптималӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои асосӣ ва мукаммали объектҳои сохтмони ландшафт таъсир мерасонанд.

5. Натиҷаҳои илмӣ-таҷрибавии дар рафти таҳқиқоти илмӣ ба даст омада дар шароити амалӣ гардиданашон, барои ба вуҷуд овардани объектҳои манзаравии дорои роҳату кайфияти баланд, зебогии (эстетизм) тарҳи меъморӣ-бадеӣ ва миллӣ дошта ва

ба талаботи дараҷаи олии самаранокии экологӣ дар фазои меъмории муҳити шаҳри Душанбе ҷавобгуй, мусоидат менамоянд.

Дигар афзалияти амалии таҳқиқоти мазкур ба мутобиқат даровардани номгуи дарахту буттагӣ ва гулу гиёҳҳои таърихӣ бо моделҳои инкишофёфтаи замонавии меъмории боғсозӣ, ки бо назардошти шароити иқлими маҳал.
Натиҷаҳои таҷрибавии кори диссертатсионӣ барои ба амалбарорӣ аз ҷониби ҶСК ПИТҶ “САНИИОСП”, КВД ПИТЛ “Душанбешахрсоз” дастгирӣ шудаанд.Ҳамчунин ба раванди таълими Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дохил карда шудаанд.

**Мазмуни асосии кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

***Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти ҶТ чоп шудаанд.***

[1-М] **Мухиддинова Р.К.** Природно-климатические условия, определяющие архитектурно-ландшафтную организацию городов Таджикистана [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. -2019. - № 4 (48). – С. 147-152.

[2-М] **Мухиддинова Р.К.** Ландшафтно-экологический подход в градостроительстве как фактор улучшения окружающей среды [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. – 2020. - № 2 (50). – С. 164-168.

[3-М] **Мухиддинова Р.К.** Садово-парковое искусство, как объект историко-культурного наследия [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско технического университета. Серия инженерных исследований. – 2020. - № 3 (51). – С. 129-133.

[4-М] **Мухиддинова Р.К.** Архитектурно-планировочные и социально–исторические особенности Душанбе [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско национального университета. Серия инженерных исследований. -2020. - № 10. – С. 38-42.

[5-М] **Мухиддинова Р.К.** История развития благоустройства Средней Азии во второй половины XIX - начала XX-го века. [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Инженерный Вестник Дона. - 2022. - №5 ivdon.ru/ru/magazine/archive/n5y2022/7659.

[6-М] **Мухиддинова Р.К.** История формирования садово-парковой архитектуры средневековых городов Средней Азии [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Вестник Педагогического университета. Душанбе – 2022. - № 6-2 (101). – С. 310-314.

[7-М] **Мухиддинова Р.К.** Архитектурно-строительная культура и типы зданий Мавераннахра в эпоху Тахиридов [Текст] / Р.С. Мукимов, Р.К. Мухиддинова // Вестник Таджикско национального университета. Серия инженерных исследований. -2023. - № 1. – С. 68-77.

***Мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳо.***

[8-М] **Мухиддинова Р.К.** Условия развития ландшафтной архитектуры Таджикистана [Текст] / Ш.К. Шарипов, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 218-220.

[9-М] **Мухиддинова Р.К**. Традиции садово-парковой архитектуры. [Текст] / П.М. Хоҷаева, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 170-172.

[10-М] **Мухиддинова Р.К**. Колонны в интерьере мечетей и жилых помещений [Текст] / Дж. С. Самадов, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Перспектива развития науки и образования» (Часть 1), Душанбе, 27-28 ноября 2019г.– С. 155-158.

[11-М] **Мухиддинова Р.К**. Стилистические исследования в изобразительном искусстве [Текст] / М. У. Шерматов, Р.К. Мухиддинова // Сборник трудов республиканской научно-практической конференции «Социально-экономические и организационно-технические основы строительного комплекса в развитии Республики Таджикистан» посвящённый году «Развития села, туризма и народных ремесел», Душанбе 7 декабря 2019г.– С. 277-281.

[12-М] **Мухиддинова Р.К.** Принципы ландшафтно-экологического формообразования в городской среде [Текст] / Дж. Ш. Ганизода, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Полиграфия: состояние и перспективы её развития» Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Душанбе 13 марта 2020г.– С.248-251.

[13-М] **Мухиддинова Р.К.** Исторические сады как объекты историко-культурного наследия [Текст] / М. Каримов, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Наука – основа инновационного развития» Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими, Душанбе 28-29 апреля 2020г. – С.117-119.

[14-М] **Мухиддинова Р.К.** Характер оптимального озеленения пространств города [Текст] / С.Р. Мукимова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научно-практической конференции «Наука – основа инновационного развития». Таджикский технический университет имени акад. М.С. Осими, Душанбе 28-29 апреля 2020г. – С.148-150.

[15-М] **Мухиддинова Р.К.** Основы организации системы озеленения города Душанбе [Текст] / Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научно-практической конференции «Применение информационно-телекоммуникационных технологий в создании электронного правительства и индустриализации страны». Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, Душанбе 7 мая 2020г. – С. 340-342.

[16-М] **Мухиддинова Р.К**. Садово-парковое организация Таджикистана XX вв. [Текст] / М. Султонова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С.197-200.

[17-М] **Мухиддинова Р.К**. Географические и социально- экономические условия развития ландшафтной архитектуры на территории Таджикистана [Текст] / М. Султонова, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С.201-203.

[18-М] **Мухиддинова Р.К**. Архитектурно-строительные и инженерные традиции [Текст] / К. Маматкулов, Р.К. Мухиддинова // Материалы республиканской научной-практической конференции «Наука-основа инновационного развития», Душанбе 27-28 апреля 2021г.– С. 203-205.

[19-М] **Мухиддинова Р.К**. Развитие садово-парковой архитектуры в Таджикистане[Текст] / М.Х. Суярова, Р.К. Мухиддинова // Материалы международной научной-практической конференции «Архитектура и градостроительство Таджикистана: вчера, сегодня, завтра», Душанбе 23 ноября 2022г.– С.93-95.

# РЕЗЮМЕ

**диссертации Мухиддиновой Рухшоны Кутфиевной на тему «Формирование и развитие садово – паркового искусства на территории Таджикистана во второй половине XIX - начале XXI века (на примере города Душанбе)», на соискание учёной степени кандидата архитектуры по специальности 05.23.20 - Теория и история архитектуры, реставрация и реконструкция историко-архитектурного наследия.**

**Ключевые слова:** история, садово - парковое искусство, традиция, жилища, стиль, озеленения, архитектурно-художественный облик, рельеф, функциональные модели, планировочная структура, экология.

**Целью диссертационной работы** является разработка теоретико-практических основ перспективного развития архитектуры садов и парков, направленных на решение актуальных, социальных проблем и оздоровления среды обитания населения города Душанбе.

**Полученные результаты и их новизна:** заключается в рассмотрении архитектурно-художественных приемов народного искусства второй половины XIX – начала XX вв. в исторических городах Таджикистана в том числе г. Душанбе; определены пути исследования озеленения и национального стиля для придания современным садам и паркам местного своеобразия и колорита; на примере г. Душанбе была уточнена периодизация этапов архитектурно-пространственного развития садов и парков советского периода; искусство паркостроения рассмотрено в новом аспекте исторического развития объектов исследования; представлены рекомендации по созданию паспорта объекта ландшафтной архитектуры; разработана функциональная модель городского сада и парка;

**Рекомендации по использованию:** полученные нами результатов в диссертации при их реализации позволяют создавать сады и парки с высоким необходимым комфортом, эстетичностью архитектурно-художественного и национального облика, соответствовали наивысшему уровню экологической эффективности.

Основные результаты диссертационной работы приняты к внедрению ОАО НИПИИ «САНИИОСП», ГУП НИПИ «Душанбешахрсоз» а также внедрены в учебный процесс Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими.

**Область применения:** в проектных институтах, при проектировании и реконструкции объектов ландшафтной архитектуры как в детальных, так и в комплексных значениях, а также в учебном процессе ВУЗов.

# ШАРҲИ МУХТАСАР

**ба диссертатсияи Муҳиддинова Рухшона Қутфиевна дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди санъати боғу боғсозӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XXI (дар мисоли шаҳри Душанбе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.20 - Назария ва таърихи меъморӣ, тармим ва бозсозии мероси таърихию меъморӣ.**

**Калимаҳои калидӣ:** таърих, санъати боғсозӣ, анъана, манзилгоҳ, услуб, кабудизоркунӣ, намуди меъмории бадеӣ, релеф, моделҳои функсионалӣ, сохтори банақшагирӣ, экология.

**Мақсади таҳқиқот:** характеристикаи умумии коркарди асосҳои назариявӣ-амалии рушди меъмории боғсозӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои таъхирнопазири иҷтимоӣ, беҳтар намудани муҳити зисти аҳолии шаҳри Душанбе нигаронида шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** тафсири усулҳои меъмории бадеии санъати мардумии нимаи дуюми асри XIX — ибтидои асри XX, дар шаҳрҳои таърихии Тоҷикистон, аз ҷумла Душанбе; муайян шудани самтҳои таҳқиқи ободонӣ ва ҷустуҷӯи сабки миллӣ бо мақсади ба боғу гулгаштҳо додани аслият ва тобиши маҳаллӣ; дар мисоли шаҳри Душанбе марҳилабандии давраҳои тараққиёти меъмории мавзеии ташаккули боғу гулгаштҳо дар даврони советӣ муаян карда шуданд; санъати боғсозӣ дар ҷанбаи нави рушди таърихии объектҳои таҳқиқот аз назар гузаронида шуданд; тавсияҳо оид ба таҳияи шиносномаҳои объектҳои меъмории манзаравӣ пешниҳод гардиданд; намунаи амалии модели боғ ва гулгашти шаҳрӣ тартиб дода шуд.

**Тавсияҳо барои истифода:** Натиҷаҳои дар рисола омада дар раванди баамалбарориашон имконият медиҳанд, боғу гулгашт ва хиёбонҳое офарида шаванд, ки дорои сатҳи баланди бароҳатӣ, эстетикаи меъморӣ-бадеӣ ва миллӣ буда ба дараҷаи олии самаранокии экологӣ мувофиқат намоянд.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ барои тадбиқшавӣ аз ҷониби ҶСК ПИЛҶ “САНИИОСП”, КВД ПИТЛ “Душанбешаҳрсоз” қабул шуда,ҳамчунин ба раванди таълимии Донишгоҳи Техники Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дохил гардидаанд.

**Ҷойи истифодабарӣ:** дар институтҳои лоиҳакашӣ, ҳангоми тарҳрезӣ ва азнавсозии объектҳои меъмории манзаравӣ, хоҳ ба таври ҷузъӣ ва хоҳ ба таври маҷмӯӣ, инчунин дар раванди таълимии мактабҳои олӣ.

## SUMMARY

**dissertations by Muhiddinova Rukhshona Kutfievna on the topic "Formation and development of garden and park art in the territory of Tajikistan in the second half of the XIX th - early XXI st centuries (on the example of the Dushanbe)," for the degree of candidate of architecture in the specialty 05.23.20 - Theory and history of architecture, restoration, and reconstruction of historical and architectural heritage.**

**Keywords:** history, gardening art, tradition, dwellings, style, landscaping, architectural and artistic appearance, relief, functional models, planning structure, ecology.

**The purpose of the dissertation is** a general description of the development of theoretical and practical foundations for the prospective development of the architecture of gardens and parks aimed at solving urgent social problems and improving the living environment of the Dushanbe city population.

**The scientific novelty** of the study lies in the interpretation of the architectural and artistic techniques of folk art of the second half of the 19th - early 20th centuries in the historical cities of Tajikistan, including Dushanbe; methods of researching landscaping and national style were determined to give modern gardens and parks local originality and color; in the example of Dushanbe city, the periodization of the architectural stages and spatial development of gardens and parks of the Soviet period was clarified; the art of park building is considered a new aspect of the historical development of the objects of study;
recommendations on creating a passport for an object of landscape architecture are presented;
a functional model of the city garden and park was built;

**Recommendations for use:** the results we obtained in the dissertation during their implementation allow us to create gardens and parks with the vital comfort and aesthetics of the architectural, artistic, and national appearance, corresponding to the highest level of environmental efficiency.

The main results of the dissertation work were accepted for implementation by SUE "SRDSI SANIIOSP", SUE RDI "Dushanbeshahrsoz" and also introduced into the educational process of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi.

**Place of application:** in design institutes, in the design and reconstruction of landscape architecture objects in detailed and complex terms. The main results of the dissertation are introduced into the educational process of the Tajik Technical University, named after academician M.S. Osimi.